# ТАҚРИЗИ

Мушовири илмӣ ба диссертатсияи доктории Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи мазкур ба баррасии яке аз мавзӯҳои муҳими назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ба таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва муосир равона гардидааст. Унвонҷӯ-докторант дар рафти омодасозии тадқиқоти диссертатсионӣ усули таҳлили амиқ, принсипи таърихият ва таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва услуби хос мавзуро баррасӣ намуда, диссертатсияро дар сатҳи баланди илмӣ омода намудааст.

Зимни таҳияи тадқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф як қатор тавсия ва хулосаҳои илмиро пешниҳод намуда, ба онҳо дар такя ба сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ, асарҳои мутафаккирони тоҷику форс, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти олимони ватаниву хориҷии муосир ногузирии илмию амалӣ бахшида, дар заминаи таҳлили мантиқӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бо истинод ба таҷрибаи таърихӣ ва воқеияти кишвар таҳия кардааст. Хусусияти тадққиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар рафти омодасозии он муаллиф консепсияи таърихомӯзии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки “Мероси таърихиву фарҳангӣ шиносномаи миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад”, (Паём 2025) мақсаднок истифода карда, арзишу ғояҳои созандаи онро дар самти бедору ҳушёр ба манфиат гардонидани хотираи таърихии илми ҳуқуқшиносӣ, таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон ва аҳли илми ҳуқуқ мушикофона, ҳадафмандона таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Таҳқиқоти мазкур давраи дуру дарози таърихӣ ва қишрҳои мухталифи фарҳанги ҳуқуқии миллатро ба ҳам васл намуда, як дастовези

бузурги илмӣ дар самти амалӣ шудани пешниҳоди Пешвои миллат ҷиҳати кушодани “Маркази –Конуни тамаддуни ориёӣ” дар шаҳри Душанбе мебошад. Дар рисола сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории соҳавӣ ва асарҳои илми таърихӣ аз қабили Авесто, Вандидот, Қонунномаи Сосониён, Қуръон, Ҳадис, Кодекси Қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР (1926), Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ (1969), Декрет «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ», Декрет «Дар бораи бекоркунии никоҳ», инчунин қонунгузории оилавии Тоҷикистони муосир ва адабиёти муҳаққиқони маъруфи ватаниву хориҷӣ истифода намуда, заминаи назариявии боэътимодро барои таҳқиқ фароҳам оварда, ягонагии шиносномаи ҳуқуқии миллатро дар масири таърих хеле мавзун ба ҳам васл кардаанд. Ин равиши таҳқиқ маънои онро дорад, ки касе миллатро аз сарчашмаҳои таърихиаш ҳаққи маънавии маҳрум карданро надорад.

Ҳамчунин, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқии низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ, Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол дар роҳи рушди қонунгузории оилавӣ ва милликунонии он дар такя ба таҷрибаи таърихию ҳуқуқӣ ва дастовардҳои замони муосир ва бо ин роҳ ҳифз намудани арзишҳои фарҳанги ҳуқуқи оилавӣ дар замони бархӯрди тамаддунҳо ниҳоят манфиатовар ва зарур шуморида мешаванд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба унвонҷӯ-докторант имкон додааст, ки масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи оилавӣ мисли бастан ва бекор кардани ақди никоҳ, оқибатҳои ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда, вазъи ҳуқуқии фарзандхондкунанда ва фарзандхондшаванда, хусусияти сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ, вазъи ҳуқуқии ҳамсарон дар оила, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсаронро дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва муосир таҳлили амиқи илмӣ намояд ва хулосаву тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод кунад, ки метавонанд

дар инкишофи қонунгузории оилавӣ ва беҳтар гардидани танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ таъсиргузор бошанд.

Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур соли 2006 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2011 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор, бо дипломи аъло хатм намудааст. Ӯ соли 2012 дар кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси ассистент ба кор қабул гардида, соли 2018 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ» бо муваффақият ҳимоя намуда, имрӯз дар донишгоҳи номбурда ба ҳайси дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, 5 боб ва 14 зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи мазкур асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, методҳои омӯзиши мавзуъ, навгониҳои илмӣ ва асосҳои назариявӣ ва амалии тадқиқот муайян карда шудаанд.

Боби якуми тадқиқоти диссертатсионӣ **«Ташаккул ва рушди институтҳои ҳуқуқи оилавӣ дар аҳди бостон ва фарҳанги ҳуқуқи зардуштия»** ном дошта, дар он ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва дар он махсусият ва вижагиҳои муносибатҳои оилавӣ дар аҳди бостон ва Асрҳои миёна бо назардошти принсипи таърихият муайян карда шудааст. Муаллиф таърихи ниҳоят қадимӣ доштани падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва ба рушди илмҳои дигар, махсусан, сиёсатшиносӣ заминагузор будани онҳоро асоснок намудааст, ки ин қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Муаллифи диссертатсия муносибатҳои оилавӣ дар низоми ҳуқуқии бостонро дар асоси адабиёти олимони шинохтаи ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода, асосан таваҷҷуҳ ба навъҳои никоҳ ва оила дар аҳди бостон намудааст ва мавҷудияти никоҳҳои эндогамӣ, экзогамӣ, моногамӣ ва бисёрзаниву бисёршавҳариро муайян намудааст. Дар ин замина ӯ қайд менамояд, ки дар аҳди бостон чунин навъҳои никоҳ ва оила вуҷуд доштанд: а) никоҳи хешони хунӣ; б) никоҳи гуруҳӣ (бисёрникоҳӣ); в) никоҳи ҷуфтҳо; г) никоҳи эндогамӣ; ғ) никоҳи экзогамӣ; д) навъҳои гуногуни никоҳ дар низомҳои ҳуқуқии халқу милатҳои қадима, ки ҳар кадом ба таърихи миллати муайян хос аст; е) якканикоҳӣ.

Унвонҷӯ-докторант зимни таҳқиқот муайян намудааст, ки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ занон ва мардон ҳуқуқи бастани ақди никоҳро доштанд ва дар аҳди ҳуқуқи зардуштӣ ҳангоми бастани никоҳ ба масъалаҳои розигии тарафҳо, расидан ба синну соли никоҳӣ, интихоби ҳамсар, маҳдудиятҳои табақавӣ ва динӣ дар муносибатҳои оилавӣ, бастани никоҳ бо хешони хунӣ диққати зиёд дода мешуд. Низоми ҳуқуқи зардуштӣ нисбат ба никоҳи экзогамӣ ба навъи никоҳи эндогамӣ бартарӣ медод ва никоҳ бо хешони наздикро амали муқаддас меҳисобид.

**Боби 2 диссертатсия «Намудҳои никоҳ ва талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва масъалаҳои танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ» ном дошта, ба баррасии масъалаҳои** мафҳум, шаклҳо ва намудҳои никоҳу талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, моликияти шахсӣ ва умумии ҳамсарон, ҷаҳизия, фарзандхондӣ, мафҳум, мақсад ва субъектҳои он бахшида шудааст.

Зимни таҳқиқи масъалаҳои зикршуда шаклҳо ва намудҳои никоҳу талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, вазъи ҳуқуқии занон, мардон ва кӯдакон вобаста ба намудҳои никоҳ, оқибати ҳуқуқии талоқи подшоҳзан дар тафовут аз заноне, ки дар никоҳи худсарзан, иканзан, сатурзан ва чокарзан қарор дошнд, ба кадоме аз аъзоёни оила тааллуқ доштани моликияти оила, тартиб ва мақсади фарзандхондӣ, субъектҳое, ки ҳуқуқи

фарзандхонд кардан ва фарзандхонд шудан доранд ва вазъи ҳуқуқии фарзандхондшудагон баррасӣ шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф ба ҳуқуқи моликиятии ҳамсарон ва масъалаи фарзандхондӣ диққати махсус равонанамуда, вазъи ҳуқуқи моликиятии зан ва шавҳарро дар муқоиса бо ҳамдигар таҳлил намуда, қайд менамояд, ки ҳарчанд занон ба моликияти хонавода дорои ҳуқуқи муайян буданд, вале нисбат ба мардон он хеле маҳдуд буд. Зан танҳо ҷаҳизия (моли арӯс)-ро мустақилона ихтиёрдорӣ намуда метавонист, дигар моликияти хонаводаро бошад бо розигии шавҳар ихтиёрдорӣ менамуд. Унвонҷӯ-докторант маълум намудааст, ки мақсад аз фарзандхондӣ пайдо намудани ворис-меросхӯр буда, ҳам ноболиғон ва ҳам шахсони болиғро ба фарзандхондӣ гирифтан мумкин буд ва фарзандхондшаванда бояд боҳуш ва фармонбардор, агар болиғ аст порсо ва маздоии ростин, боақл, гапдаро, тақводор, зардуштӣ ва агар духтар аст бокира бошад.

**Боби 3 диссертатсия – «Хусусиятҳои ташаккулёбии ҳуқуқи оилавӣ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ»** ном дошта, боби мазкур фарогири масъалаҳои никоҳ, талоқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар буда, мафҳум, шакл ва тарафҳои никоҳ, инчунин бо доираи муайяни шахсон манъ будани никоҳ бо сабаби маҳрам буданашон муайян карда шуда, дар масъалаи талоқ асосан оқибатҳои ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия бо такя ба сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи исломӣ қайд намудааст, ки дар Қуръон ва суннат мафҳуми бевоситаи никоҳ дода нашудааст ва донишмандони исломӣ кӯшиш намудаанд, ки дар асоси унсурҳои никоҳ ва шартҳои он мафҳуми никоҳро муайян намоянд. Ҳарчанд ин донишмандон доир ба мафҳуми никоҳ фикри ягона надоранд, мафҳумҳои додаи онҳо умумияти зиёде доранд ва мазмуну моҳияти никоҳро ифода менамоянд.

Диққати махсус ба вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо ва оқибати ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда дода шуда, маҳрамҳои насабӣ, маҳрамҳои сабабӣ, маҳрамҳои разоъӣ (ширхора) ва маҳрамҳои абадиву муваққатӣ муайян карда шуда, манъ будани никоҳ бо онҳо бо далелҳои қавӣ нишон дода шудааст. Инчунин шароити талоқдиҳанда бодарназардошти ҳолати мастӣ, беморӣ, маҷбурӣ, гунгӣ-оҷизӣ аз сухан мавриди таҳлил қарор гирифта, оқибати ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда муайян карда шудааст.

**Боби 4 диссертатсия – «Рушди ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ»** номгузорӣ шуда дар он хусусияти сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистони шуравӣ муносибатҳои оилавиро танзим менамуданд, тартиби бастан ва асосҳои қатъ гардидани никоҳ тибқи қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ, тартиби барасмиятдарории никоҳ дар мақомоти САҲШ, ҳуқуқи ҳамсарон ба бекор кардани никоҳ ва мақомоте, ки никоҳ метавонад дар он бекор карда шавад, фарзандхондӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои фарзандхондкунанда ва фарзандхондшаванда, инчунин уҳдадориҳои алиментдиҳӣ тибқи қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Доир ба хусусияти сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ муаллиф қайд намудааст, ки агар сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ то замони шуравӣ хусусияти динӣ дошта бошанд, дар Тоҷикистони шуравӣ онҳо хусусияти ғайридинӣ дошта, дар шакли Декрет, Конститутсия, Кодекс, Қонун аз тарафи мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ қабул карда мешуданд ва нахустин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки муносибатҳои оилавиро танзим менамуданд Декрет «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ», Декрет «Дар бораи бекоркунии никоҳ» ва Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР ба ҳисоб мерафтанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки барои бастани ақди никоҳ шартҳои муайян пешбинӣ гардида буд ва онҳо иборат аз розигии тарафҳо, расидан ба синну соли никоҳӣ ва ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ буданд. Дар сурати риоя нагардидани шартҳои бастани ақди никоҳ мумкин буд ақди никоҳ аз тарафи мақомоти суд беэътибор эътироф карда шавад. Ҳуқуқи бекор кардани никоҳро бошад ҳам зан ва ҳам мард доро буд ва никоҳ метавонист дар мақомоти суд ва ё САҲШ бекор карда шавад.

**Боби 5 диссертатсия – «Ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: хусусиятҳои рушд ва аломатҳои нави танзими ҳуқуқӣ»** ном дошта, дар доираи он масоили ҳуқуқу ӯҳдадориҳои амволии ҳамсарон, аҳдномаи никоҳ ва танзими ҳуқуқии он, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд.

Унвонҷӯ-докторант кӯшиш намудааст то махсусияти рушд ва аломатҳои нави танзими ҳуқуқиро дар муносибатҳои оилавӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад ва дар рафти омӯзиш ӯ муайян намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии ҳуқуқу ӯҳдадориҳои амволии ҳамсарон хусусияти махсус касб намуда, аломатҳои нави танзими ҳуқуқиро доро мебошад. Махсусан, эътирофи низоми қонунӣ ва низоми шартномавии танзими муносибатҳои амволии ҳамсарон қобили таваҷҷуҳ буда, ба ҳамсарон имкон медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии моликияташонро бо салоҳдиди худ муайян намоянд ва дар ин самт нақши аҳдномаи никоҳ ивазнашаванда мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда ба шурои дахлдори диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, директори Муассисаи давлатии
Маркази исломшиносӣ дар назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон Холиқзода А.Ғ.

Имзои А.Ғ. Холиқзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши кадрҳо, ҳуқуқ
ва корҳои махсус Анҷуманова Г.А.

Суроға: ш.Душанбе, к. Шодмонӣ, 58/1
Тел:2240976, 2240996, mail: info@mit.tj
Сана: «28» 10 2025